# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 8: Concepts and Structures of Political Systems**

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 8: Мафҳум ва сохтори системаҳои сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Мафҳум, вазифа ва сохтори системаи сиёсӣ.
2. Системаи сиёсӣ ва хусусияти он.
3. Қонуниятҳои асосии инкишофи системаи сиёсӣ ва аломатҳои он.
4. Навъҳои гуногуни системаи сиёсӣ

# 1. Мафҳум, вазифа ва сохтори системаи сиёсӣ.

Дар сиёсатшиносии муосир ду мафҳум: «системаи сиёсӣ» ва «ҳокимияти сиёсӣ» ҳамчун категорияҳои асосии сиёсатшиносӣ дониста шуда, аксари баҳсу мунозираҳо дар байни сиёсатшиносон ва мубориаи қувваҳои сиёсӣ баҳри ба даст овардану нигоҳ доштани системаи сиёсию ҳокимияти сиёсӣ сурат мегирад.

Системаи сиёсӣ маҷмӯи мураккаби ҷамъи иниститутҳои давлатию ғайридавлатӣ, муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ, шаклҳои баҳамтаъсиррасонию муносибатҳои байниҳамдигариест, ки ҳадафҳои хокимияти сиёсиро амалӣ мегардонад.

Мувофиқи таҳлили системаи сиёсӣ ва ҳама гуна системаҳо аз ҷумла системаи сиёсии ҷамъитӣ низ чунин тасниф дорад:

а. система аз қисмҳои зиёд иборат аст;

б. қисмҳо ягонаи томро ташкил медиҳанд;

в. система ҳудуд дорад.

Маҷмӯи институтҳои иҷтимоии давлитию ғайридавлатӣ, ки ба қоидаҳо дастурҳои тартиботи сиёсии ҷомеаи мушаххас итоат намуда, аз институтҳои тартиботи сиёсӣ: қоидаҳо, меъёрҳо, шуур ва маданияти сиёсӣ, инчунин раванди сиёсӣ таркиб меёбад, **системаи сиёсӣ номида** мешавад.

Системаи сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи институтҳои иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба қоидаҳо ва дастурҳои режими сиёсии мушаххас итоат менамоянд, таъриф додаанд.

Тибқи ақидаи сотсологи амрикой Парсонс системаи сиёсӣ бояд се унсури асосӣ:

а. пешвогарӣ;

б. ташкилотҳои ҳокимият;

в. батартибандозӣ.

Сиёсатшиноси амрикоӣ Д. Истон ду шавқ (майл):

а. Талаб.

б. Дастгири.

Доир ба системаи сиёсӣ назарияҳо хеле гуногунанд. Аз ҷумла нуқтаи назари системавӣ. Тибқи он ҳар кадом система дорои унсурҳост. Тағйири яке аз ин унсурҳо боиси тағйири сифатии ҳама система мегардад. Система дорои сохторест, ки дар зери он тарзи ба система ҳамроҳ намудани унсур, хусусияти муносибати байни унсурҳо дар дохили система ва маҷмуи маҳдудиятҳо ҳангоми ба система тааллуқ доштани унсурҳо дар назар аст.

# Вазифаҳои системаи сиёсӣ

Дар сиёсатшиносии муосир чунин вазифаҳо муайянанд:

а. институтсионалӣ, ки аз институт ва муассисаҳои сиёсӣ (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷунбишҳои оммавӣ, иттиҳодияҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ);

б. вазифагӣ (шакл ва самти фаъолияти сиёсию тарз ва усулҳои амалисозии ҳокимият);

в. танзимнамоӣ (Сарқонун, қонун, анъана, андеша ва талаботи сиёсӣ);

г. идеологӣ (сохтани роҳнамои ояндаи миллату давлат, ки он кадом системаи сиёсӣ-иҷтимоиро барқарор карданист ва кадом арзишҳоро дар шуури одамон ҷой карданист).

Барои амалинамоии ҳадаф ва вазифаи асосии инкишофи ҷамъиятӣ, роҳбарияти сиёсӣ ҳама унсурҳои системаи сиёсиро сафарбар месозад.

Вазифаи интегративӣ (баҳамгаройӣ)–и системаи сиёсӣ ҳадафи баҳамории сохти системаи ҷамъиятӣ–сиёсӣ аст. Ба даст овардани инкишофи муътадил ва қисмҳои ин система аст.

Вазифаи танзимгарӣ–рафтори сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсиро дар давлат ба тартиб ва муайян месозад.

Ҳамин тариқ вазифаи системаи сиёсӣ аз ташкил ва амалигардонии идоракунии давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа иборат аст. Вай мақсад ва барномаи фаъолияти ҷамъиятиро муайян намуда, баҳри ба даст овардани мақсади гузошташуда ҳама захираҳоро истифода мебарад: тавассути таблиғи ҳадаф ва арзишҳои умумӣ ҳама унсурҳои ҷамъиятиро ба ҳам оварда, арзишҳои барои ҳама шаҳрвандон камёфтро танзим месозад.

Дар китоби дарсии «Политология» таҳти таҳрири профессор  М. А. Василик (Москва, 2004) чунин схемаи  системаи сиёсӣ нишон дода шудааст.




1.Сиёсатшиносӣ/ Д. М. Хуморов, С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова,
Б. А. Ҳусейнов – Душанбе: Ирфон, 2016. – 156 с.

# Системаи сиёсиро ба воситаи чунин тақсимот ошкор намудан мумкин аст:

а. Сарчашмаи ҳокимияти сиёсӣ (демократӣ, конститутсионӣ, автократӣ);

б. Муносибат ба воқеият (консервативӣ, ислоҳотчигӣ, пешқадам, иртиҷоӣ);

в. Ҳолати таркиботи сиёсӣ ва сатҳи маданияти сиёсӣ аз рӯи нишондоди Г.Алмонд (англисӣ – амрикоӣ, қитъавӣ – аврупоӣ, тосаноатӣ ва қисман саноатӣ, тоталитарӣ);

г. Хусусият ва самти раванди сиёсӣ (фармондиҳӣ, мусобиқавӣ, оштидиҳии иҷтимоӣ).

# Таркиби системаи сиёсӣ дорои чор зерсистема мебошад:

1. зерсистемаи институтсионалӣ, ки аз унсурҳои зерин иборат аст:

а. Шакли идоракунии давлат (ҷумҳурӣ, монархӣ);

б. Тартиботи сиёсӣ (режими сиёсӣ):демократӣ, автократӣ (авторитарӣ), тоталитарӣ

в. Сохторҳои давлатӣ: қонунгузор (парламент), иҷроия (ҳукумат, маъмурият), судӣ (судҳо ва мақомоти адлия)

г.

Субъектҳои сиёсӣ: ҳизбҳои сиёсӣ, ҷунбишҳои мардумӣ (ҳаракатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ)

д.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ: иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳои касбӣ, ҷавонон, занон ва ғайра.

Ҳар кадоми унсурҳои зерсистемаи институтсионалӣ дар системаи сиёсии ҷамъият нақши муҳим мебозанд. Онҳо барои фаъолияти самараноки ҷомеа базаи меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва имкониятҳои зарурӣ фароҳам меоранд.

Маҳз дар доираи ҳамин зерсистема шароити мусоид барои фаъолияти дигар зерсистемаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таъмини сиёсати байналмилалии давлат муҳайё карда мешавад.

2.

# Зерсистемаи танзимкунанда.

Ин зерсистема ба қоидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқие такя мекунад, ки барои ҷомеа қобили қабул буда, дар Сарқонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сабт ёфтаанд. Маҳз ҳамин қоидаҳо фаъолияти гурӯҳҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар институтҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Бояд таъкид кард, ки зерсистемаи институтсионалӣ на танҳо ба меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, балки ҳамзамон ба урфу одатҳо, анъанаҳои таърихии миллӣ ва андешаҳои сиёсӣ такя мекунад. Ин омилҳо ба шаклгирӣ ва рушди низоми сиёсӣ таъсири амиқ мерасонанд.

# Зерсистемаи коммуникативӣ

Ин зерсистема маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти системаи сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Ин муносибатҳо пеш аз ҳама ба идоракунии ҷомеа нигаронда шудаанд. Институтҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, пешвоёни сиёсӣ, намояндагони элитаи сиёсӣ ва шаҳрвандон ҳамчун субъектҳои асосии ин муносибатҳо амал мекунанд. Зерсистемаи мазкур ҳамчунин бо мубориза барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва амалӣ намудани ҳокимият алоқаманд аст. Ин мубориза дар шаклҳои гуногун қариб дар ҳамаи давлатҳо вуҷуд дорад.

# Зерсистемаи идеологӣ-сиёсӣ

Ба ин зерсистема ақидаҳо, назарияҳо ва андешаҳои сиёсӣ дохил мешаванд, ки барои ташкили институтҳои сиёсӣ ва таҳлили муносибатҳои сиёсӣ аҳамияти калон доранд. Он дар муайян кардани мақсадҳои сиёсӣ, роҳҳои амалигардонӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

Хусусияти хоси ин зерсистема дар он аст, ки дар ҳамаи системаҳои сиёсии ҷомеа вуҷуд дошта, вобаста ба шароити ҳар кишвар гуногун амал мекунад. Масалан, дар ИМА, Русия ва Тоҷикистон ин зерсистемаҳо бо хусусиятҳои хоси худ фаъолият доранд.

# Ду навъи идоракунии системаи сиёсии ҷомеа вуҷуд дорад:

а. Системаи сиёсии демократӣ: Ба ин система мавҷудияти мақомоти намояндагӣ, ки дар асоси интихоботи умумӣ, эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, фаъолияти аппарати давлатӣ, тақсими ҳокимият ба се шоха ва риояи талаботи конститутсия ва қонунҳо амал мекунанд, дохил аст.

б. Системам сиёсии авторитарӣ: Дар чунин система ҳокимият ба шохаҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ ҷудо намешавад. Фаъолияти ҳизбҳои оппозитсионӣ манъ гардида, рақибони сиёсӣ таъқиб ва ҷазо дода мешаванд. Дар натиҷа, аппарати давлатӣ хусусияти миллатгароӣ пайдо мекунад.

Ин навъи ҳокимият дар давлатҳои гуногун бо шаклҳои мухталиф зоҳир мешавад — метавонад олигархӣ, якаҳокимиятӣ, ҳарбӣ-диктаторӣ ё тоталитарӣ бошад.

Дар ҷамъият системаҳои зиёде амал менамоянд. Вале системаи сиёсӣ аз дигар системаҳо бо чунин хусусияташ фарқ мекунад:

а. Вай нисбат ба дигар системаҳо нақши афзалиятдоштаро мебозад, чунки қарорҳои қабул намудаи онро ҳама системаҳои дигар бе чуну чаро иҷро менамояд;

б. Системаи сиёсиро нисбат ба дигар системаҳои ҷамъиятӣ муҳити иҷтимоӣ, хусусан, мазмун ва характери инкишофи системаи сиёсӣ муайян менамояд. Нисбат ба тарзи фаъолиятнамоӣ бошад мафҳуми «ворид сохтан» ва «баромадани ахбор» истифода мешавад.

Ҳар кадом системаи сиёсӣ дорои умумият ва фарқияти муайянанд. Масалан, барои системаи иҷтимоӣ – сиёсии капиталистӣ сиёсатшиносон чунин аломатҳоро нишон додаанд:

1. Мубориза барои ба даст овардани ҳокимият тавассути имконоти парламентӣ;

2. Баланд шудани сатҳи зиндагии аксари аҳолӣ;

3. Паст шудани муқовимати синфӣ ва барқароршавии нисбии ҳамрайъии иҷтимоӣ;

4. Зиёдшавии мавқеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шахс;

5. Болидаруҳӣ аз шикасти сотсиализм ва афзудани воломақомӣ дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ;

6.Нодида гирифтани мақоми халқҳои қафомондаву рӯ ба тараққиниҳода дар ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ;

7. Ба воситаи ташкилоти молиявӣ бо баҳонаи додани қарз ба гардани халқҳои қафомондаю рӯбатараққӣ шарту шароитҳои хароб намудани системаҳои иқтисодию сиёсии вуҷуддоштаи онҳо;

8. Икори беасоси таълимоти марксистӣ.

# Сохтори системаи сиёсӣ

Институтсионалӣ - инро давлат, ташкилоти сиёсию муносибатҳои байни онҳо ташкил медиҳанд.

Танзимгарӣ-нормаю анъанаҳои барои ин соҳа моҳиятдор.

Функсионалӣ-вазифагӣ, усулҳои фаъолияти сиёсӣ, тарзҳои ба мақсадрасӣ дар сиёсат.

Маънавӣ-унсурҳои асосии шуури сиёсӣ: идеология ва психология.

Сохтори сиёсӣ маҷмӯи ташкилотҳо ва институтҳои сиёсӣ ва муносибатҳои байни онҳо буда, фаъолият накардани дурустии яке аз шохаҳои ҳокимият метавонад боиси номувофиқии манфиатҳо ва моҷароҳои сиёсӣ шавад.

## 3. Қонуниятҳои асосии инкишофи системаи сиёсии ҷамъиятӣ

Ҳар система, аз ҷумла системаи сиёсӣ, бар асоси қонунҳои объективӣ инкишоф меёбад, аммо ҳеҷ қонун ба таври соф амал намекунад. Қонунҳои рушди системаҳои сиёсӣ танҳо аз миёни муносибатҳои печидаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ роҳ меёбанд.

Ин қонуниятҳо чунинанд:

**1. Қонуни барқароршавӣ ва инкишофи ҳокимияти сиёсӣ**.

Ин қонун асосан ба муносибати байни ҳокимият ва шахс дахл дорад. Масалан, мазмун ва ҳадафи фаъолияти ҳама пешвоҳои сиёсӣ ба даст даровардани ҳокимият ва нигоҳ доштану амалӣ гардонидани ҳадафҳои худ аст.

**2.Қонуниятҳои иқтисодӣ-сиёсӣ.**

Ин қонунҳо муносибати ба ҳамтаъсиррасонии системаҳои иқтисодию ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Ин қонунҳо мутобиқати байни дараҷаҳои инкишофи иқтисодӣ ва инкишофи демократияро дар системаи сиёсӣ инъикос менамоянд.

# Системаи сиёсии ҷомеа аз назари Давид Истон

Аксар бар инанд, ки масоили системаи сиёсӣ ва моҳияти онро сиёсатшиноси амрикоӣ Давид Истон хеле хуб тавсиф кардааст. Вай таъкид мекунад, ки пеш аз омӯзиши системаи сиёсӣ бояд ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятиро ҳамчун системаи рафторӣ дар муҳити муайян ва бо ҳам таъсиррасонии мутақобилаш шинохт. Ҳамчунин, барои фаҳмидани ҳаёти сиёсӣ ҳамчун система, онро танҳо ҳамчун намунаи амалкунанда омӯхтан кофӣ нест.

Давид Истон назарияи муносибатҳои байни системаи сиёсӣ ва муҳити атрофро пешниҳод кард. Ӯ муҳити берунаро, ки системаи сиёсиро иҳота мекунад, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият — иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мадонӣ, инчунин муносибатҳои байналмиллалӣ ва экологиро дарбар мегирад. Ба андешаи ӯ, маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеа системаи сиёсӣ номида мешавад. Ҳадафи асосии системаи сиёсӣ тақсимоти захираҳо ба таври қаноатбахш барои ҳама аст. Истон ду намуди воридшавии таъсир аз муҳити атрофро ҷудо кардааст: а) талабот ва б) дастгирӣ.

Д. Истон мафҳуми талаботро ҳамчун зарурияти ҳалли вазифаҳои ҷамъиятӣ ва тақсимоти захираҳои мувофиқ мефаҳмад. Дастгирӣ бошад ба маънои риояи қонунҳо ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҳокимият мебошад. Ин дастгирӣ метавонад нисбати ҳокимият ё қисмҳои алоҳидаи он равона шавад ва Истон онро се намуди дастгирӣ ҷудо кардааст: а) дастгирии режим; б) дастгирии ҳокимият; в) дастгирии ҷамъияти сиёсӣ.

Дастгирии режим маънои қадр ва эътирофи арзишҳои он режимро дорад. Дастгирии ҳокимият эътироф ва дастгирии конкретӣ ба институтҳоест, ки вазифаҳои ҳокимиятро иҷро мекунанд, ва инчунин дастгирии пешвоёни харизматикӣ дар ин навъ дохил мешавад. Дастгирии ҷамъияти сиёсӣ эътироф ва майли шахсони алоқаманд ба гурӯҳҳои сиёсиро ифода мекунад. Воридшавии таъсир аз муҳити берун низ дар шакли ахборот, таклифҳо, талабот ва мурочиатҳои шаҳрвандон — иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра сурат мегирад.

Барои ифодаи системаи сиёсӣ Д. Истон чунин моделро пешниход намудааст.




1.Сиёсатшиносӣ/ Д. М. Хуморов, С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, Б. А. Ҳусейнов – Душанбе: Ирфон, 2016. – 156 с.

Тарзи муносибат ба системаи сиёсиро Г. Зокиров чунин нишон додаст;

1. Муносибати форматсионӣ (Маркс);
2. Тарҳи иҷтимоиию кибернитикӣ (Д. Истон);
3. Муносибати методологии таркибию функсионалӣ (Альмонд);
4. Иттилоотӣ-коммуникативӣ (К. Дойч);
5. Муносибати фарҳангӣ(култорологӣ) (Алмонд)[1].

1.Г. Зокиров., Системаи сиёсӣ: Масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. Душанбе 2011.с. 16-17

# Аломатҳои системаи сиёсӣ

Системаи сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи ба ҳам таъсиррасонанда, норма, арзиш, институтҳои фаъолиятнамой ва истифодабарии ҳокимияти сиёсӣ буда, дорои як зумра сифатҳост:

1. Унсурҳои гуногуну устувори ба ҳам вобастаи ҳаёти ҷамъиятӣ. Агар баҳамвобастагӣ набошад, ҳолати баракси системанокӣ - боиси барҳамхӯрдан ва парокандагии ҷамъият мегардад.

2. Бо низоми муносибатҳои сиёсӣ: нақдияти (наличие) таносуби эътимолӣ, босуботии онҳо ва инкишоф мансубанд. Бонизомият дар ҷамъият аз он муайян мегардад, ки вай барои тағйироти мақсадноку сермаҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ шарти асосӣ аст.

3. Системаи сиёсӣ асоси маданӣ дорад: ин умумияти арзишҳо, маҷмӯи арзишҳои сиёсӣ, эътиқоди аз ҷониби аъзои умумияти сиёсӣ қабулшуда мебошад. Дар сиёсат агар умумияти маънавӣ вуҷуд надошта бошад, ки таввасути онҳо одамон ҳамдигарро мефаҳманд, ҷомеа том буда наметавонад.

4. Барои системаи сиёсӣ дар як вақт дарки ҳама унсурҳои таъсири хориҷӣ хос аст. Маҳз дар ҳамин ба ҳам таъсиррасонӣ, кооператсия, қобилияти зуд ҳал намудани мушкилоти умумӣ дар системаи сиёсӣ тавлид мешавад.

# Навъҳои гуногуни системаи сиёсӣ

Системаи сиёсии ҳар як мамлакат, ки дорои хусусиятҳои хосси рушду инкишофи худ мебошад, дар зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул меёбад. Навъи системаи сиёсӣ, шаклу усулҳои фаъолияти сиёсӣ, роҳу воситаҳои рушди мамлакат бо назардошти як қатор шарту шароитҳо муайян карда мешаванд. Чунончи, шакли моликияти ҷамъиятӣ, хусусияти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва идеологии ҷомеа, дараҷаи рушди шуури омма ба онҳо мисол шуда метавонанд. Айни замон, тасаввурот дар бораи навъҳои гуногуни зоҳиршавии сиёсат ва шаклҳои мухталифи системаҳои сиёсӣ мавҷуданд. Дар заминаи он системаҳои сиёсии *ғуломдорӣ, феодалӣ, кипиталистӣ ва сотсиалистиро* аз ҳам фарқ менамоянд.

Бо назардошти хусусиятҳои режими сиёсӣ системаҳои сиёсиро *демократӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ* низ номидаанд. Режими сиёсӣ шакли махсуси баамалбарории ҳокимияти сиёсӣ, навъи махсуси фаъолияти давлатӣ ва роҳу воситаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Дар зери мафҳуми демократия сохтори сиёсие фаҳмида мешавад, ки дар он меъёри озодӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрвандон эътироф гардида, дар раванди идоракунии давлатӣ иродаи халқ ба инобат гирифта мешавад. Инчунин, дар сохтори сиёсии демократӣ волоияти қонун эътироф гардида, интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда шуда, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон кафолат дода мешавад ва имконияти ташаккулёбии демократияи бевосита ва намояндагӣ ба вуҷуд меояд.

Системаи сиёсии тоталитарӣ навъи махсуси ҳукмронии сиёсӣ мебошад. Дар шароити мавҷудияти системаи сиёсии мазкур ҷомеа бояд пурра ба ҳокимият ва элитаи ҳукмрон тобеъ гардонида шавад. Чунин навъи идоракунӣ дастгоҳи ҳарбӣ-бюрократие мебошад, ки аз ҷониби сарвари сиёсии харизматикӣ идора карда мешавад. Режими сиёсии тоталитарӣ аз ҷониби қишрҳои поёнии ҷомеа, ки асосан камбизоатонро ташкил менамуданд, ҳамаҷониба дастгирӣ пайдо менамуд.

Системаи сиёсии авторитарӣ бо чунин нишонаҳо, аз қабили яккаҳизбӣ, паст будани нақши ҳокимияти намояндагӣ, инкори тақсими ҳокимият ба се шоха, дар дасти элитаи ҳукмрон қарор гирифтани ҳокимият, афзалияти соҳаи сиёсат нисбат ба соҳаҳои дигар, мавҷудияти дастгоҳи махсуси ҷазодиҳӣ, мавҷудияти амалҳои ғайриқонунӣ ва монанди инҳо асоснок карда мешавад. Дар шароити мавҷудияти системаи сиёсии авторитарӣ тартиботи ҳуқуқӣ дида намешавад. Зеро ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон инкор мегарданд.

Системаҳои сиёсӣ инчунин анъанавӣ ва модернизатсияшуда низ шуда метавонанд. Системаи сиёсии анъанавӣ ба воситаи ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулнаёфта, ҳокимияти сиёсии мутамарказ ва хусусиятҳои харизматикии ҳокимият асоснок карда мешавад. Моҳияти системаи сиёсии мазкур ба воситаи анъанаҳои мавҷудаи ҷомеа муайян карда мешавад. Дар системаи сиёсии мазкур дур шудан аз анъанаҳо ва арзишҳое, ки солҳои тӯлонӣ мавҷудияти ҷомеаро нигоҳ доштаанд, ғайриимкон аст.

Инчунин, типологияи дигари системаҳои сиёсӣ низ вуҷуд дорад, ки мувофиқи он системаҳои либералию демократӣ, радикалию авторитарӣ, авторитарию консервативӣ, популистӣ ва анъанавиро аз ҳам ҷудо менамоянд.

Системаи сиёсии либералию демократӣ доимо қабули қарорҳои либералиро пайгирӣ менамояд. Доимо кӯшиш мегардад, ки маҷбурнамоии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки нисбат ба фарди алоҳида зоҳир гардидаанд, аз байн бурда шаванд. Дар системаи сиёсии мазкур ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф гардида, ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои алоҳида тақсим мегардад. Инчунин, рақобати озод ва ба таври озод интихоб намудани касбу кор низ таъмин мегардад.

Системаҳои сиёсии радикалию авторитарӣ ба муқобили либерализм баромад намуда, ба он тавсия менамоянд, ки дар самти тақсими неъматҳои ҷамъиятӣ меъёри баробариро таъмин намоянд.

Системаҳои сиёсии популистӣ кӯшиш менамоянд, ки бо истифода аз роҳу воситаҳои авторитарӣ тақсими неъматҳои ҷамъиятиро ба таври баробар ба роҳ монанд.

Системаи сиёсии анъанавӣ баробарии иҷтимоиро инкор намуда, хусусияти олигархӣ ва консервативии ҷомеаро нигоҳ медорад.

Сиёсатшиноси америкоӣ Г. Алмонд бо назардошти шаклҳои мухталифи маданияти сиёсӣ чор навъи системаҳои сиёсиро нишон додааст: системаи сиёсии англо-америкоӣ, континенталию аврупоӣ, пешазсаноатӣ ва қисман саноатӣ, тоталитарӣ.

Системаи сиёсии навъи англо-амрикоӣ (ИМА, Британияи Кабир, Канада, Австралия) ифодагари якрангии маданияти сиёсӣ мебошад. Мақсадҳои сиёсӣ ва роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани онҳо аз ҷониби аъзоёни ҷомеа ба таври якхела тасаввур мегарданд. Аксарияти аҳолӣ озодиҳои шахсӣ, сатҳу сифати зиндагии арзанда ва амнияти миллиро аз ҳама боло мегузоранд. Системаи мазкур ба таври мукаммал ташкил карда шуда, нисбатан барои амалӣ намудани мақсадҳои мазкур устувор мебошад. Дар он ҳар як унсури таркибӣ вазифаи худро ба хубӣ иҷро карда метавонад.

Системаи сиёсии навъи континенталию аврупоӣ (Фаронса, Олмон, Италия) маданияти сиёсии омехтаро дар бар гирифта, одатан мавҷудияти маданияти кӯҳна ва маданияти нав дар таркиби он ба мушоҳида мерасад. Ба системаҳои сиёсии мазкур мавҷудияти ҳизбҳои сиёсии гуногун ва идеологияҳои мухталиф хос мебошад, ки онҳо одатан анъанаҳоеро пайгирӣ менамоянд, ки дар ҷомеа таъсири амиқ мерасонанд.

Системаҳои сиёсии тоиндустриалӣ ва баъзан қисман индустриалӣ (аксари давлатҳои Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ) дорои маданияти сиёсии омехта мебошанд, аммо ин гуна омехтагӣ аз маданияти сиёсии омехтаи Аврупои Ғарбӣ ба куллӣ тафовут дорад. Зеро системаҳои сиёсии тоиндустриалӣ метавонанд дар худ арзишҳои мухолифатнокро низ фаро гиранд.Авторитаризми шахсӣ ва дараҷаи баланди маҷбурнамоӣ хосси системаҳои сиёсии мазкур мебошанд.

Ғайр аз ин, бо назардошти мухторияти унсурҳои ҷудогонаи системаи сиёсӣ, се навъи дигари системаҳои сиёсиро аз ҳам фарқ менамоянд: системаи сиёсие, ки мухторияти унсурҳои ҷудогонаи он дар дараҷаи баланд қарор доранд; системаи сиёсие, ки мухторияти унсурҳои ҷудогонаи он дар дараҷаи миёна ва системае, ки унсурҳои он хеле маҳдуд карда шудаанд. Дар системаҳои сиёсии демократӣ, дар муқоиса бо системаҳои авторитарию тоталитарӣ мухторияти унсурҳои ҷудогонаи система дар дараҷаи хеле баланд қарор доранд.

Ҳамчунин, системаҳои сиёсии дорои рушду инкишофи анҷомёфта ва анҷомнаёфта низ вуҷуд дошта метавонанд. Онҳоро шартан системаҳои тараққикарда ва дар ҳоли рушду инкишоф қарордошта муаррифӣ намудан мумкин аст. Навъи дуюми он хосси давлатҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Аз рӯйи он ки ҳокимияти сиёсӣ аз ҷониби киҳо истифода мегардад, инчунин системаҳои сиёсии марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо низ аз ҳам фарқ менамоянд.

Ҳамин тариқ, гуногунрангии системаҳои сиёсӣ нишон медиҳанд, ки падидаи мазкур хеле мураккаб буда, бо назардошти омилҳо ва меъёрҳои гуногун баҳогузорӣ карда мешаванд. Бинобар ин, системаи сиёсии ҳар як мамлакат хусусиятҳои ба худ хосро доро буда, бояд ба воситаи меъёрҳои гуногун таҳлил ва баҳогузорӣ карда шаванд.

## Адабиёт


1. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
2. Г. Зокиров., Системаи сиёсӣ: Масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.
Душанбе 2011.с. 16-17
3. Қ. Расулиён .Тоҷикистон.Душанбе.- 2009.- С. 17-38.
4. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.
5. Мальцев, В. А. Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
6. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
7. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!